# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Саломов Муҳаммад Алимуродович дар мавзуи “Таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10. - таърихи илм ва техника (таърихи физика)**

*«Таърихро дар ҳақиқат хотираи инсоният меноманд. Шахсоне, ки дар бораи сарнавишти миллат, дар бораи гузаштаи таърихии халқи худ тасаввурот надоранд, анъанаву маросимҳои ниёгони худро намедонанд, нақш ва мавқеи фарзандони беҳтарини Ватани худро ба таври сазовор баҳогузорӣ карда наметавонанд, ба гумон аст, ки шаҳрвандони ҳақиқӣ, одамони комилҳуқуқ номида шаванд» Эмомалӣ Раҳмон.*

Ба таърих назар афканем, мебинем ки тамаддунҳо давраҳои пайдоиш, ташаккул, камолоту шукуфоӣ ва заволро аз сар гузаронидаанд. Миллати тоҷик низ бо дастовардҳои арзишманди худ дар рушди фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ бо шоҳкориҳои худ саҳми бузург дорад.

Илм ва фарҳанги миллати тоҷикро олимони зиёди ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода, сарчашмаҳои зиёде гувоҳӣ медиҳанд, ки тоҷикон дар рушд ва инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ бо дастовардҳои бузург дар соҳаи илм ва фалсафа накши бориз доранд. Ин гуфтаҳои моро дар сарчашмаҳои юнонӣ, румӣ, арманӣ, чинӣ, тибетӣ, форсӣ-тоҷикӣ, арабӣ ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо аз даврони басо куҳан натанҳо ба илмҳои мухталиф ошноӣ доштаанд, балки аз поягузорони илмҳои гуногун низ будаанд. Ибни Надим дар китоби «Ал-Феҳрист»-аш менависад, ки пеш аз ҳуҷуми Искандари Макдунӣ ба Эронзамин дар ин сарзамин илмҳои риёзӣ, дақиқ, ҳунари навиштани арқом, кишоварзӣ, истихроҷ ва истеҳсоли филиз, улуми нуҷум (астрономия), зуҳури ақидаҳои динӣ ва фалсафӣ роиҷ буд.

Асрҳои миёна махсусан асрҳои XI-XII барои миллати тоҷик давраи бисёр ҳассос маҳсуб меёбад. Зеро, ки дар ин давра алакай ҳукумати миллӣ яъне давлати Сомониён аз миён рафта ҷойи, вайро ҳукумати бегонагон мегиранд. Новобаста аз суқути давлати миллии тоҷикон Сомониён, таъсири рушди илми ин давра то ба охири асри XII ва аввали асри XIII расидааст. Дар ин аҳд бузургтарин шахсиятҳо дар соҳаҳои гуногуни илм аз ҷумла илмҳои табиатшиносӣ, нуҷум, риёзиёт ва фалсафаву адабиёт зуҳур менамоянд.

Бояд гуфт, ки аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX низ риштаҳои гуногуни илм маҳз тавассути заҳмати донишмандони тоҷик ва осори офаридаи онҳо давраи нашъунамои худро сипарӣ менамуд. Дар мавзуи интихобшудаи диссертант дар мавзуи “Таърихи муайян кардани вазни хоси

ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX”, агарчанде давраҳои қади ва замони нав то то ибтидои асри XX таҳқиқ гардидааст, вале ба осонӣ диді мешавад, ки муаллиф осори ниёгони тоҷиконро мавриди баррасӣ қаро додааст. Мавзуъ интихобкардаи Саломов М.А. бешубҳа яке аз мавзуҳо актуалӣ буда, ва таҳқиқоти давраи интихобшуда ба як давраи аҳамиятнок илм рост меояд.

Мубрамияти мавзуъ, аз дигар тараф, дар он зоҳир мегардад, ки он ба асоси иқдоми олимона ва фармони сарвақтии Президенти кишвар роҷеъ б эъломияи солҳои 2020-2040 ҳамчун 20-солаи рушди илмҳои табиатшиносі дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф мебошад.

Аз ин рӯ, таъкид кардан лозим аст, дар асоси дастуру ҳидоятҳо Президенти кишвар дар ҷодаи азхудкунии илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ н хусусан омӯзиши осори илмии ниёгони тоҷик, дар баррасии диссертатсия мазкур мо диққати асосиро ба осори физикии (илми табиии) ниёгон асримиёнагии форс-тоҷик равона сохтаем, ки барои насли ҷавон натанҳ аҳамияти илмӣ, балки аҳамияти меҳанпарастиро афзун хоҳад кард.

Яке аз вазифаҳои асосии таърихи илм пайдо кардани қонунҳое мебоша, ки рушди илмро идора мекунанд. Таърихи илм ба таври зоҳирӣ ҳамчу натиҷаи фаъолияти беназорати мутафаккирони алоҳидаи гениалӣ ба наза мерасад, ки рафтори онҳоро ба рафтори ягон санге, ки дар майдони ҷалбкун меафтад, монанд кардан мумкин нест. Бешубҳа, илм маҳсули фаъолият одамон аст, дар ҳоле ки фаъолияти мураккабтарин ва нозуктарин: маърифат эҷодӣ. Аммо рушди илм дар шароити муайяни таърихӣ, ки нақши муҳим н муайянкунанда доранд, ба амал меояд ва ин шароит барои таҳлили илм дастрас аст.

Диссертатсияи Саломов Муҳаммад Алимуродович дар мавзуи “Таърих муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX чӣ аз ҷиҳати сохтор (муқадима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт) ва чӣ ҷиҳати мазмун (мувофиқаткунии мундариҷа, мақсаду маром, вазифа н хулосаҳои ба дастомада) дар сатҳи зарурӣ ба сомон расонида шудаас Номҳои бобу зербобҳои рисола мазмуни онро инъикос менамоянд. Да тадқиқот доираи хеле васеи сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ ва илмӣ-оммав истифода бурда шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрам будани масъалаи таҳқиқшаванд асоснок гардида, асосҳои назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, методолог навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамият назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Инчунин, да муқаддима методи таҳқиқ, марҳалаҳои омӯзиш, саҳми шахсии муалли таъйиди мавриди истифода, мутобиқати таҳқиқот бо шиносномаи таърих илму техника ва ҳаҷму сохтори мавзӯъ инъикос ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия «Ташаккул ва инкишофи донишҳои физикӣ дар дунёи қадим» ном дошта, аз ду параграф иборат аст. Дар параграфи якум “Аввалин унсурҳои донишҳои физикӣ дар кишварҳои Шарқи Қадим” мухтасар вазъи илм (донишҳои риёзиву табиӣ) дар кишварҳои Шарқи Қадим, хусусан Бобулистону Мисри Қадим ҳамчун гаҳвораи тамаддуни инсонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд гуфт, ки кишварҳои Шарқи Қадим ҳарчанд донишҳои риёзиву табиӣ поягузорӣ шудаанд, аммо дар як низоми муайян таҳлил ва баррасӣ нашудаанд. Дар ин параграф инчунин қайд гардидааст, ки донишҳои физикӣ дар кишварҳои Шарқи Қадим бештар бо зарурат ва ниёзи зиндагии мардум бидуни таҳлили назариявӣ ҷанбаҳои амалӣ доштаанд. Агарчанде ва табиист, ки дар он дар бораи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо сухан намеравад, вале қонунҳои физикӣ барои баланд бардоштани ҷисмҳои вазнин, роҳҳои аз пастӣ ба баландӣ интиқол додани об, истифодаи фона, ғарғара ва ғайра бидуни таҳлилиҳои назариявӣ истифода мешудаанд.

Параграфи дуюми боби аввал, ки “Ташаккули физика ва роҳҳои муайянсозии вазни хоси ҷисмҳо дар Юнони Қадим ва Рими Қадим” ном дорад, бевосита ба корҳои амалӣ ва тафаккури назариявии Аршимидиус (Архимед) дар бораи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо бахшида шудааст. Бо вуҷуди ҳама хидматҳои бузурги илмии Шарқи Қадим, Юнони Қадим ватани аслии илми муосир эътироф гардидааст. Маҳз дар ин ҷо илми назариявӣ ба вуҷуд омад, ки тасаввуроти илмиро дар бораи ҷаҳон таҳия мекунад ва маҳз дар ин ҷо усули илмӣ рушд кард. Агар нависандаи мисрӣ ё бобулӣ қоидаи ҳисобкуниро таҳия карда, навишта бошад: “ин корро бикун”, бе шарҳ додани он ки чаро “ин корро кардан лозим аст”, донишмандони юнонӣ бо шарҳу тавзеҳ ва баёни зарурати амалии кор он корро иҷро мекарданд.

Донишмандони Юнони Қадим ва Рими Қадим тавонистанд илм ва тафаккури илмиро аз сатҳи мифология ва аз доираи маъбадҳои коҳинон берун бароранд.

Хулоса, таҳлили боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки ибтидои ҳар гуна донишҳо, аз ҷумла донишҳои риёзиву табиӣ дар кишварҳои Шарқи Қадим (Мисри Қадим, Бобулистон, Эрон, Ҳиндустон ва Чини Қадим) поягузорӣ шудааст. Аммо барои бо як низоми муайян ва таъсиси марказҳои илмии муайян таҳқиқ гардидани илм, махсусан илмҳои риёзиву табииётшиносӣ саҳми донишмандони Юнони Қадим ва Рими Қадим хеле бузург аст. Маҳз бад-ин сабаб замони антиқа ва эллинистиро замони ташаккули соҳаҳои гуногуни донишҳо, махсусан донишҳои табиӣ (физикӣ) ҳисобидаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Ташаккул ва инкишофи донишҳои физикӣ дар олами исломи асримиёнагӣ» низ аз ду параграф иборат буда, дар параграфи якум “Манбаи донишҳои физикӣ ва таъсиси марказҳои илмӣ дар асрҳои миёнаи шарқи исломӣ” мухтасаран ва мушаххасан мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Манбаи асосии донишҳои риёзиву табиии олами исломи асримиёнагӣ пеш ва беш аз ҳама осори донишмандони Юнони Қадиму Рими Қадим ба шумор меравад. Албатта, аввалин коре ки донишмандони маркази илмии “Байт-ул-ҳикма” дар Бағдод, ки маъруфтарин маркази илмии исломӣ қаламдод мешавад, аз тарҷумаи осори илмӣ аз забонҳои юнонӣ, сурёнӣ, паҳлавӣ ва ҳиндӣ иборат буд.

Параграфи дуюми боби дуюм, ки “Саҳми ниёгони тоҷикон дар муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо” ном дорад, бевосита ба саҳми физикдонони асримиёнагии форс-тоҷик, аз қабили Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём ва Абдураҳмони Хозинӣ, дар масъалаи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо бахшида шудааст. Нақши осори донишмандони зикршуда натанҳо дар ташаккул ва инкишофи физикаи амалӣ дар мисоли муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо бузург аст, балки онҳо ба рисолаҳои худ ва тавсияҳои назарӣ, хусусан Умари Хайём бо роҳи татбиқи математикии ин масъала ҳолиб, қобили таваҷҷуҳ ва боиси омӯзишу пажӯҳиш ба шумор меравад.

Боби сеюми диссертатсия «Муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо дар Аврупои асримиёнагӣ ва Русия то ибтидои асри XX» бидуни ба параграфҳо ҷудо кардан ба масъалаи шавқу рағбати донишмандон, хусусан физикдонони асримиёнагии Аврупои лотинӣ ва Русияи асрҳои XVIII-XX мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, масъалаи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо асосан дар замонҳои антиқаб эллинистӣ, шуруъ аз замони зиндагии Аршимидиус (Архимед) ва асрҳои миёнаи олами ислом яке аз масъалаҳои рӯзмарраи физикаи амалӣ маҳсуб мегардид. Дар асрҳои миёнаи Аврупо, замони, ба истилоҳ “инқилоби илмӣ дар табиатшиносӣ” ва Ренессанс доираи таҳқиқоти физика умуман ва физикаи амалӣ аз он ҷумла хеле васеъ гардида, дигар масъалаҳои физикӣ, аз қабили “афтиши озод”, “ҷозиба”, “оптикаи физикӣ” ва ғайра масъалаи рӯзмарра буданд. Аз ин ҷиҳат, донишмандони Аврупои лотинӣ дар масъалаи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо ба монанди донишмандони асримиёнагии олами ислом мароқ зоҳир накардаанд.

Танҳо дар асри XVIII донишманди маъруфи рус, мулаққаб ба аввалин донишманди энсиклопедистии русҳо Михаил Василевич Ломоносов (1711-1765) ба масъалаи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо ба монанди донишмандони асримиёнагии олами ислом рафтор кардааст, ки ки натиҷаҳои

ҳосилкардаи ӯ низ дар шакли ҷадвал дир боби сеюми диссертатсия оварда шудааст.

Баҳри музаффарияти адолати илмӣ бояд гуфт, ки масъалаи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо агарчанде дар хориҷи кишвард дар осори донишмандони аврупоӣ ва рус то андозае мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо дар пажӯҳишоти донишмандони хориҷӣ саҳми ниёгони тоҷикон таҳқиқи ҳаматарафа нагардидааст. Гоҳо аз онҳо ёд шудаасту халос. Аз ҷиҳати дигар дар таърихи физикаи ватанӣ, гуфтан мумкин аст, ки ба таври бояд ва ба хусус мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, ин масъалаи баррасишаванда камомӯхта ва то ҷое наомӯхта ба ҳисоб меравад, ки то андозае дараҷаи омӯзиши диссертатсияро пурра хоҳад кард.

То имрӯз таҳқиқоти махсуси диссертатсионии аз ҷиҳати таърихӣ-илмӣ роҷеъ ба таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо алалхусус бо дарназардошти манбаъҳои форсӣ-тоҷикӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, балки дар хориҷи кишвар низ мавҷуд нест.

Инак, сохтори диссертатсия ва пайдарпайи бобу зербобҳо, ҷойбаҷойкунии маводи археологӣ мантиқан дуруст буда, диссертатсияи Саломов Муҳаммад Алимуродович дар мавзуи “Таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX” кори илмии ба анҷом расонида мебошад. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нӯктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин иштирок дар экспедитсияҳои бостоншиносӣ (корҳои саҳроӣ) тасдиқ карда мешавад. Ба ғайр аз ин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Новобаста аз бартариҳо дар кори диссертатсионии мазкур камбудиҳои зерини зикршуда ба шарҳи муаллиф ниёз доранд:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф тариқи ба Аврупои лотинӣ роҳ ёфтани таълифоту таснифоти донишмандони асримиёнагии олами ислом, ба хусус ниёгони тоҷиконро возеҳтар баён мекард.

2. Беҳтар мебуд, ки сабабҳои ба муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо камтар машғул шудани олимони асримиёнагии Аврупои лотиниро бештар шарҳ медод.

3. Муаллиф дар саҳифаи 83-и диссертатсиаш асбоби ихтироъкардаи Берунӣро барои муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо нишон додааст, ки хеле аҷиб аст, ҳамчунин хуб мешуд, ки бартарии ин асбобро аз асбоби дигарон шарҳ медод.

4. Баъзе хатогиҳои техникӣ дар услуби ҷобаҷогузории адабиётҳо дар поварақ мушоҳида мешаванд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Сохтор ва дастгоҳи илмию техникии диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мазмуну муҳтавои автореферат ба мазмуни таҳқиқот мувофиққат мекунад. Диссертатсия мустақилона иҷро шуда, тадқиқоти анҷомёфта мебошад ва ба ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника мувофиқ аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Саломов Муҳаммад Алимуродович дар мавзуи "Таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX", тибқи банди 53-и Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника ҷавобгӯ мебошад.

**Сардори раёсати илм, инноватсияи**
**ва робитаҳои байналмилалии**
**Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Раҳимова Ш.К.**

**Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент**
**Ш. К Раҳимова-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишкадаи куҳию металлургии**
**Тоҷикистон** **Мӯминова Д.М.**

**Суроға: 735730, Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон, вилояти Суғд,**
**ш. Бустон, к. А Баротов 6.**
**Тел: +992 3451 50634**

***10.05.2024.***